**Р. Мусулмонқулов**

# ОИД БА ДАЛЕЛҲОИ ШЕЪРИИ “БАДОЕЪ-УС-САНОЕЪ” ВА АҲАМИЯТИ ОНҲО

Аз рӯи қоидаи маъмулӣ Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар “Бадоеъ-ус-саноеъ”, ки он ба санъатҳои бадеӣ бахшида шудааст, ҳангоми шарҳу эзоҳи саньатҳои гуногуни бадеӣ ва истилоҳоти адабӣ, барои аёнӣ таҷассум намудани фикру мазмун мисолҳои шеърӣ ва порчаҳои мансурро ба кор бурдааст.

Дар китоби номбаршуда ба мақсадҳои гуногун тақрибан 930 байт (1860 мисраъ) оварда шудаанд, ки онҳоро ба чаҳор гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1) аз “Қасидаи маснӯъ”-и Хоҷа Ҷамолиддин Салмони Соваҷӣ;
2) аз шоирони маълум;
3) аз шоирони номашон қайднашуда;
4) шеърҳои худи Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ.

I. Атоулло дар китоби худ аз “Қасидаи маснӯъ”-и Ҷамолиддин Салмон бинни Алоуддини Соваҷӣ (ваф. 778 ҳиҷрӣ - мутобиқи 1377 мелодӣ) 78,5 байт (157 мисраъ) овардааст.

Дар ин масъала роҳи пешгирифтаи Атоулло чунин аст, ки у ҳангоми ба поён расонидани шарҳи ин ё он санъат “аввалан аз “Қасидаи маснӯъ” ин байт аст” - гуён, номи баҳру зиҳофашро нишон дода, сипас байтро меоварад ва тақтеъҳояшро низ зикр мекунад.

Масалан, Атоулло баъди тафсир додани Тазмини муздаваҷ мегӯяд: “Ва мисоли ин саньат аз “Қасидаи маснӯъ” ин байт аст -- аз баҳри комили мусамман: (байт)

*Чу расид фасли баҳору шуд чу баҳори Чин чаман аз суман*
*Ба нишоти об вазон хазон ба разон, ҷам эй ту баҳори ман!*

*Мутафоилун мутафоилун мутафоилун мутафоилун*
*Мутафоилун мутафоилун мутафоилун мутафоилун"*

Зимнан, қайд кардан даркор аст, ки Атоулло ҳангоми нишони додани зиҳофи ин ё он байти овардашуда бо таҳқиқ рафтор кардааст, яъне агар дар ин масъала ихтилофе миёни муҳаққиқон мавҷуд бошад, онро баён ва то ҳадди имкон равшан кардааст. Чунончӣ, Атоулло тақсимро шарҳ дода ва ду байт аз худ мисол оварда, баъд менависад, ки: “Ва мисоли ин санъат аз қасидаи маснӯъ” ин байт аст - аз баҳри муҷтаси мусаммани махбун, ки арӯзу зарби ӯ ба қавли Шамси Қайс аслам аст ва бинобар қавли ҳазрати устодӣ (яьне: Ҷомӣ - Р.М.) мақтӯъ ва бинобар ихтиёри ин камина – абтар: (байт):

*Аёли килку забонат ба маърази иншо*
*Яке ҷариру дуюм - аъталу сеюм эьшо.*

*Мафоилун фаилотун мафоилун фаилун*
*Мафоилун фаилотун мафоилун фаилотун".*

II. Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар асари худ 84 маротиба аз осори 46 шоир мисолҳои шеърӣ меорад, ки онҳо 131,5 байт (263 мисраъ)-ро ташкил менамоянд. Агар тартибро мувофиқи миқдори байтҳо мулоҳиза кунем, чунин рӯйхат ҳосил хоҳад шуд:

| **Тартиби рақам** | **Номи шоир** | **Чанд дафъа** | **Ҳамагӣ чанд байт** |
|---|---|---|---|
| 1. | Анварӣ | 7 | 15 |
| 2. | Муиззӣ | 6 | 9 |
| 3. | Заҳири Форёбӣ | 4 | 2 |
| 4. | Рашиди Ватвот | 5 | 2 |
| 5 | Рашидии Самарқандӣ | 2 | 1,5 |
| 6. | Рӯдакӣ | 6 | 1 |
| 7. | Шамси Қайси Розӣ | 6 | 1 |
| 8. | Мавлоно Соҳиби Астарободӣ | 1 | 1 |
| 9. | Абдураҳмони Ҷомӣ | 1 | 1 |
| 10. | Азрақӣ | 2 | 1 |
| 11. | Масъуди Саъди Салмон | 3 | 1 |
| 12. | Ломеӣ | 1 | 1 |
| 13. | Навоӣ | 3 | 1 |
| 14. | Унсурӣ | 2 | 1 |
| 15. | Манучеҳрӣ | 1 | 1 |
| 16. | Камол Исмоил | 1 | 1 |
| 17. | Азҳарӣ | 1 | 1 |
| 18. | Абушакури Балхӣ | 2 | 1 |
| 19. | Асҷадӣ | 1 | 1 |
| 20. | Сӯзанӣ | 1 | 1 |
| 21. | Адиб Собир | 1 | 1 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 22. | Хоқонӣ | 1 | 1 |
| 23. | Мавлоно Олими  Ҳиравӣ | 2 | 1 |
| 24. | Мавлоно Шарафиддини Ромӣ | 1 | 1 |
| 25. | Амир Алӣ Асад | 1 | 1 |
| 26. | Баҳромӣ | 2 | 1 |
| 27. | Фирдавсӣ | 1 | 1 |
| 28. | Мансури Мантиқӣ | 1 | 1 |
| 29. | Абулфараҷ | 2 | 2 |
| 30. | Мантиқӣ | 1 | 1 |
| 31. | Ҳаким Саноӣ | 1 | 1 |
| 32. | Ризо Нишопурӣ | 1 | 1 |
| 33. | Мавлоно Лутфуллои Нишопурӣ | 1 | 1 |
| 34. | Абдулвосеъ Ҷабалӣ | 1 | 1 |
| 35. | Қамарӣ | 1 | 1 |
| 36. | Мухторӣ | 1 | 1 |
| 37. | Амир Хусрав | 1 | 1 |
| 38. | Мавлоно Фаттоҳӣ | 1 | 1 |
| 39. | Назирӣ | 1 | 1 |
| 40. | Абулмақотили Зарир | 1 | 1 |
| 41. | Хоҷа Ҳофиз | 1 | 1 |
| 42. | Шайх Камоли Хуҷандӣ | 1 | 1 |
| 43. | Ҳофизи Ҳалвоӣ | 1 | 1 |
| 44. | Амир Шоҳӣ | 1 | 1 |
| 45. | Абуҳафси Суғдӣ | 1 | 1 |
| 46. | Шаҳиди Балхӣ | 1 | 1 |

Аз ин ҷумла, як байт (Абулмақотили Зарир) арабӣ буда, байти дигар (Хусрав) мақрӯ-ул-лафзайн аст, яьне онро ҳам ба тоҷикӣ ва ҳам ба арабӣ хондан мумкин аст. Ашъори боқимонда ҳамагӣ тоҷикӣ-форсианд.

Атоулло агар, аз як тараф, аз осори шоирони бузург ва маълуму машҳур - ҳамчун Рӯдакӣ, Абушакур, Фирдавсӣ, Анварӣ, Асҷадӣ, Муиззӣ, Манучеҳрӣ, Заҳир, Масъуди Саъди Салмон, Ҳофиз, Камол, Ҷомӣ ва дигарон намунаҳо оварда бошад, аз тарафи дигар, дар асари худ аз эҷодиёти чунин шоирони алҳол ба оммаи хонандагони тоҷик на он қадар маълум қабили Баҳромӣ, Мавлоно Соҳиби Актарободӣ, Мавлоно Олими Ҳиравӣ, Мавлоно Лутфуллои Нишопурӣ, Абулқосим Зиёд Қамарии Ҷурҷонӣ, Абулмафохирхоҷаи Ҳаким Усмони Мухторӣ ва дигарон порчаҳо дарҷ намудааст, ки ин ҷиҳати "Бадоеъ-ус-саноеъ" барои таърихи адабиёти тоҷику форс аҳамияте дорад.

Аз осори асосгузори адабиёти тоҷику форс - устод Рӯдакӣ дар шаш маврид панҷ байт оварда шудааст, ки ҳамаи онҳо тавассути дигар маъхазҳо маълуманд.[1] Аммо ин байти Рӯдакӣ:

*Ҳаме бикуштӣ, то дар адӯ намонд шуҷоъ,*
*Ҳаме бидодӣ, то дар диле намонд фақир*[2]

дар "Бадоеъ-ус-саноеъ" ду дафъа ва дар ҳар ду маврид ҳам андаке бо шакли дигар сабт ёфтааст, ки агар хато накунем, ба асл наздик аст:

*Ҳаме бикуштӣ, то одаме намонд шуҷоъ,*
*Ҳаме бидодӣ, то одаме намонд фақир.*

Ин байти Шаҳиди Балхӣ:

*Ба тир аз чашми нобино сапеде нуқта бардорад,*
*Ки на дида биёзорад, на нобино хабар дорад.*[3]

низ дар "Бадоеъ-ус-саноеъ" ба тарзи андаке дигар дучор меояд, ки он, шояд, дурусттар бошад:

*Ба тир аз чашми нобино сапеда пок бардорад,*
*Ки не дида биёзорад, на нобино хабар дорад.*

Ба ин тариқ, "Бадоеъ-ус-саноеъ" барои омухтан ва барқарор намудани матни илмӣ-танқидии осори бадеии як қатор шоирони асрҳои X-XV низ хизмат карда метавонад.

III. Аз шоирони беном дар асари Атоулло 31 маротиба 47 байт (94 мисраъ) шеър оварда шудааст. Аз сабку услуби он намунаҳо пай бурдан мумкин аст, ки онҳо аксаран аз

---

[1] Нигаред: Рӯдакӣ. Осори манзум, бо тарҷимаи русӣ, таҳти назари И. Брагинский, идораи интишороти "Дониш", Маскав, 1964, саҳифаҳои 12, 198, 208 ва 270.
[2] Рӯдакӣ, Осори манзум, саҳ. 64.
[3] Ашьори ҳамасрони Рудакӣ, Сталинобод 1958, саҳ. 44.

осори шоирони пешгузашта мебошанд. Аммо барои қатъиян муайян кардани соҳибияти он шеърҳо тадқиқоти иловагӣ зарур аст.

IV. Ҳамон навъе ки адабиётшиносон аз ҷумла Навоӣ,[4] Хондамир,[5] Бобур,[6] ва дигарон қайд карда буданд, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ шоир низ будааст. У дар "Бадоеъ-ус-саноеъ" аз осори манзуми худ 674 байт (1348 мисраъ) дар мавридҳои гуногун дарҷ кардааст. Агар намунаҳои шеърии Атоулло аз рӯи жанру намудҳои худ ба гурӯҳҳо тақсим карда шаванд, чунин тартиб ҳосил хоҳад шуд:

1. Байт - 855 (710 мисраъ);
2. Рубоӣ - 58 (116 байт -- 232 мисраъ);
3. Қитъа 37 (118 байт - 236 мисраъ).
4. Ғазал - 12 (49 байт - 98 мисраъ);
5. Маснавӣ - 6 порча (12 байт -24 мисраъ;
6. Мусаммат- 2 порча (7 байт - 14 мисраъ);
7. Мустазод - 1 (4 байт - 8 мисраъ);
8. Мисраъ - 19 (9 байт - 18 мисраъ).

Дар хусуси ба Атоулло мансуб будани ин шеърҳо шубҳа накардан мумкин аст, зеро худи ӯ дар оғози китоб ин нуктаро чунин таъкид кардааст: "Ва илтизом карда шуд, ки аксари абёти ин рисола натиҷаи фикру хаёли ин шикастаҳол бошад. Ва ҳар гоҳ, - мегуяд ӯ сухани худро давом дода, - шеъри яке аз устодон орад - номи ӯ барад. Ва абёте, ки Хоҷа Ҷамолиддини Салмон… аз барои тамсилу табйин ва саноеъву буҳур ва зиҳофоти он дар "Қасидаи маснӯъ"-и худ дарҷ карда - хар якро дар мавзеи ӯ аз баёни саноеъ мундариҷ созад…".

Агар муаллифи шеър маълум бошад, Атоулло ҳатман номи уро нишон медиҳад, чунончи, "ин байти Рудакӣ аст", ё "малик-уш-шуаро Амир Хусрав гуфтааст…", ё ин ки "Мавлоно Лутфуллои Нишопурӣ гуфта"... Аммо соҳиби шеър номаълум бошад, муаллиф ифодаҳои "Шоир гуфта..., яке гуфта"... ва ғайраро ба кор мебарад.

Вале ҳангоми овардани шеъри худ муаллиф чунин таъкидҳоро нишон надодааст ва бо ифодаи "чунон ки "байт" иктифо мекунад. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки дар рисолаи "Қофия", ки қабл аз "Бадоеъ-ус-саноеъ" таълиф ёфта буд,[7] Атоулло дар сари ҳар байт худро зикр кардааст ва нохушии ин услубро баъзеҳо нишон додаанд. Чунончи, Бобур ба рисолаи мазкур аз ду ҷиҳат эрод гирифта навиштааст: "Дар қофия як рисолаи форсӣ таълиф кардааст (Атоулло - Р.М.). Тавре таълиф кардааст, айбаш ин ки барои мисол батамом абёти худро

[4] Алишер Навоӣ, Асарлар, ч. 12, Маҷолис-ун-нафоис, Тошкент, 1966, саҳ. 122-123.
[5] Мирхонд. Равзат-ус-сафо, ҷилди (иловакардаи Хондамир) ҳафтум, чопи Наввалкишур Лакҳнав, 1308/1891, саҳ. 94.
[6] Заҳириддин Муҳаммад Бобур, Бобурнома, Тошкент 1960, саҳ. 241.
[7] Чунончи нигаред: Хондамир, Равзат-ус-сафо, саҳ. 94, Хондамир, Ҳабиб-ус-сияр фӣ ахбори афрод-ул-башар, чопи Ҳиндустон, 1847, ҷузви сеюм аз ҷилди сейум, саҳ. 345, Бобур, Бобурнома, саҳ. 241.

овардааст. Инчунин, пеш аз ҳар байт лафзи “чунон ки дар ин байти банда”- ро лозим донистааст.[8]

Ашъори парокандаи Атоулло аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва шаклу бадеиёт гуногун буда, аҳамият ва хусусиятҳои зиёде доранд.

Чунон ки аз китобҳои доир ба санъатҳои бадеӣ бахшидашуда, аз қабили “Тарҷумон-ул-балоғат”, “Ҳадоиқ ус-сеҳр фӣ дақоиқ уш-шеър”, “Ал-мӯъҷам фӣ маоири ашъор-ил-Аҷам”, “Ҷамъи мухтасар” ва ғ. маълум мегардад, намунаҳои шеърии аз худи муаллифон овардашаванда аксаран ишқию умумӣ буда, ҳодисаю воқеаҳои конкретии зиндагиро камтар дарбар мегиранд. Аз ин рӯ, як қисми муайяни ашъори Атоулло низ дорои ҳамин хусусиятҳо мебошанд. Масалан:

*Рози мани зор напурсад дигар,*
*Баста магар боз ба қатлам камар?!*

Ё ки:

*Дил ба маҳрӯе атоӣ доду аз ғам ҷон диҳад,*
*Ин сазои он касе, к-ӯ дил ба маҳрӯён диҳад.*

Ҷолиби диққат аст, ки дар ҳамин гуна порчаҳои шеърӣ низ образҳои барҷастаи шеърӣ, ташбеҳҳои фаромӯшнашаванда ба назар мерасанд, чунончӣ:

*Қарор дар дили ман чун бувад, ки нест туро*
*Чу чашми хеш зи шӯхӣ ба ҳеҷ гӯша қарор?!*

Дар байти мазкур, ки он барои як навъи санъати раддулаҷа оварда шудааст, шӯхию беқарории маҳбуба, чашмони бозингари ӯ, ба фикри мо, хеле хуб тасвир ёфтаанд.

Ё худ --- аз санъати иштиқоқ:

*Қосид, барои куштани ман теғи кин мапсанд,*
*Мақсуд ҳосил аст чу аз як нигоҳи ту.*

Байти зерин ба ҷуз шаклу бадеиёти марғубаш маънии барҷаста низ дорад:

*Эй гашта зи шарми рангу рӯи ту гул об*
*Чун об шуда ба пеши бӯи ту гулоб.*

Гуфтан ҷоиз аст, ки мавзӯъҳои умумӣ ва ишқӣ асосан дар мисраъ ва байтҳои Атоулло ба назар расида, ин ҳолат дар рубоӣ, қитъа, ғазал ва дигар жанрҳои шеърӣ тақрибан мушоҳида карда намешавад.

---

[8] Бобурнома, саҳ. 241.

Аммо ашъори парокандаи дар “Бадоеъ-ус-саноеъ” овардаи Атоулло барои омухтани зиндагии муаллиф, ҳиссиёт, чаҳонбинӣ, ақоиду афкор, хулоса, шахсияти ӯ, инчунин, авзои замон манфиате мерасонанд.

Аз як байт ва як рубоие, ки дар дебоча оварда шудаанд, номи муаллиф ва номи китобро пайдо мекунем. Байт:

*Камина бандаи маъбуди муғнӣ -*
*Атоуллоҳ Маҳмуд-ул-Ҳусайнӣ.*

Рубоӣ:

*Ин баҳри хаёлот бадоеъ-анҷом,*
*К-аз дурри саноеъ аст бо зебу низом.*
*Инро ту “Бадоеъ-ус-саноеъ” кун ном,*
*Созад ба атои Ҳақ атоӣ чу тамом.*

Аз ду рубоии дар хотимаи китоб зикрёфта таърихи хатми асар - 10 ҷумодиюлохири 898 ҳиҷрӣ / баробари 9 апрели соли 1492 мелодӣ аён мегардад:

*Ин нусха, ки мисли у яке аз сад нест,*
*Дар фанни бадеь хубтар з-он ҳад нест.*
*Таҳрири наку ёфта з-он таърихаш*
*“Таҳрири бадеъ” аст, ки дар вай “бад” нест”.*

Рубоии дигар:

*Ин нусха, ки дар саноеъ омад нодир.*
*Чун гашт тамом, кардам уро зоҳир.*
*Пурсид зи омиён яке таърихаш*
*Бо вай гуфтам: “доҳи ҷамид-ул-охир”*

Чунон ки маълум аст,[9] вафоти Атоулло Маҳмуди Ҳусайн миёнаи шавволи соли 919 (мутобиқи декабри соли 1518 мелодӣ) воқеъ гардидааст. Аммо санаи таваллуд ва умри Атоулло дар сарчашмаҳои адабию таърихии дастрасшуда зикр нагардидаанд, ки ин нуқсонро порчаҳои шеърии “Бадоеъ-ус-саноеъ” як андоза равшан карда метавонанд. Масалан, муаллиф дар рубоие ба чиҳил сол хизмат кардани худ ишора кардааст:

*Чил сол ба халқ сарф кардам авқот,*
*Зоеъ кардам хулосаи умру ҳаёт.*

[9] Нигаред : Равзат-ус-сафо, саҳ. 94. Ҳабиб-ус-сияр, саҳ. 345.

*Шуд вақт, Атоӣ, ки дигар бигрезӣ*
*Аз суҳбати халқ, к-ин бувад роҳи наҷот.*

Атоулло китоби "Бадоеъ-ус-саноеъ"- ро дар соли 1492 ба анҷом расонидааст. Аз ин ҷо тахмин кардан мумкин аст, ки рубоии мазкур дар солҳои 90-уми асри XV таълиф ёфтааст. Аммо аз рубоии боло равшан маълум нест, ки Атоулло ҳангоми гуфтани он чиҳилсола будааст, ё бештар, зеро ифодаи "ба халқ сарф кардам авқот" ба ин имкони дуруст намедиҳад. Ба ҳар ҳол, шояд Атоулло дар солҳои 40-уми асри XV ба дунё омада, тақрибан 70 сол умр дида, дар соли 1513 даргузаштааст.

Хондамир дар ҷилди ҳафтуми "Равзат-ус-сафо"-и Мирхонд дар охирҳои зиндагӣ оҷиз шудани Атоуллоро ишора карда, менависад; ки "ӯро (Атоуллоро -- Р.М.) дар авохири авқоти ҳаёт дидаи зоҳир аз рӯъяти дунё отил гашт".[10] Хондамир ин маълумотро дар "Ҳабиб-ус-сияр" низ айнан овардааст.[11]

Атоулло дар китоби худ ба рамади (дарди) чашм гирифтор шуданашро ба ваҷҳе қайд кардааст, ки он маълумоти Хондамирро пурқувват карда метавонад. Ӯ дар зимни баёни санъати суолу чавоб мегуяд: "Дар вақте ин каминаро рамади азим шуда буд, аз шаҳр ба ҷиҳати ҳарорати ҳаво ба деҳ интиқол намуд. Ва аз ёрон чашмдошти пурсиш буду ҳеҷ кас наёмад. Баъд аз муддати мадид яке аз ёрон як байт навишта фиристод". Атоулло баъд аз байтро зикр кардан мегуяд: "Ин камина дар ҷавоб ин байтро фиристод (байт):

*Чашмам, ки гашта буд зи дарди фироқ сурх*
*Бар роҳи интизори ту охир сафед шуд.*

Ҳамин минвол, аз ашъори Атоулло соҳиби оилаву фарзанд будан, дар зиндагӣ ранҷу азобҳои зиёде кашидани ӯ намудор мегардад. Чунончӣ, муаллиф дар санъати таърих рубоие овардааст, ки дар он номи фарзандаш - Масъуд ва санаи валодати ӯ 876 ҳиҷрӣ (1472 мелодӣ) инъикос ёфтааст:

*Масъуд, ки чун ситораи рахшон аст*
*Дар чашми ману ҷисми маро чун ҷон аст.*
*Таърихи валодаташ агар меҷӯӣ*
*Аз "салхи раҷаб ҷӯй", ки таърих он аст.*

Атоулло доир ба ҳамзамонони худ Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492), Алишер Навоӣ (1441-1501), Ҳусайн Бойқаро (ваф. 1506) шеърҳо гуфта будааст, ки дар "Бадоеъ-ус-саноеъ" ба мавридҳои гуногун чанд намуна аз онҳо дарҷ кардааст. Чунончи, у дар вафоти

[10] Равзат-ус-сафо, саҳ. 94.
[11] Ҳабиб-ус-сияр, саҳ. 345.

Ҷомӣ ин қитъаи таърихро зикр намуда, баъзе сифат ва мартабаи он марди бузургтарини асри XV Хуросон ва Мовароуннаҳрро ба қалам додааст:

Ҳазрати Махдуми Ҷомӣ, муктадои аҳли фазл
Он, ки мисли у надида ҳеч кас дар коинот.
Қутби даврон буд, чун шуд фавт назди аҳли дил,
“Фота мунно қутби давра” гашт таърихи вафот.[12]

Атоулло дар бораи Навоӣ як қасида (дар 4 мавридˌ барои ҳусни ибтидо, гурезгоҳ, ҳусни матлаб ва ҳусни мақтаъ; 9 байт), ду рубоии таърих (дар хусуси сохта шудани мадраса ва як иморати дитар), як қитъа (3 байт), як қитъаи мувашшаҳ (ба номи “Амир Алишер”; 5 байт), як байт ва 2 мисраъ гуфтааст, ки ҳамагӣ 23 байт (ё 46 мисраъро ташкил менамоянд.

Атоулло дар ин порчаҳо хислат ва шахсияти Навоиро то андозае инъикос намудааст. Масалан, дар қитъаи зерин суханварӣ, хирадмандӣ, вилоятпаноҳии Навоӣ васф карда шудааст:

*Доди сухан дар ҷаҳон аз хиради хурдадон*
*Мири вилоятпаноҳ - Мир Алишер дод.*
*Дорад аз устоди кор илму ҳунар бешумор*
*Мири вилоятпаноҳ - Мир Алишер ёд.*
*То ба абад мустадом бар сари хосу авом*
*Мири вилоятпаноҳ - Мир Алишер бод!*

Атоулло муносибатҳои худро бо Навоӣ ва лутфу меҳрубониҳои ӯро то андозае инъикос намудааст, ки ин ҳолат, аз як тараф, шахсияти Навоиро барҷаста собит намояд, аз тарафи дигар, борои омухтани тарҷимаи ҳоли соҳиби “Бадоеь-ус-саноеъ” аз фоида холӣ нахоҳад буд. Чунончӣ, ӯ дар гурезгоҳи қасида ба ин масъалаҳо дахл карда мегӯяд:

*Гаҳе чархам ба Тӯрон бурду кард авқоти ман тира,*
*Гаҳе афканд дар Эрону кард аҳволи ман вайрон.*
*Ҷафои чарх чун бар ман гузашт аз ҳад, хирад гуфто:*
*Бирав, то доди ту бистонад аз вай нойиби султон.*
*Амони мулк, амини дин, амири маъдалат - ойин*
*– Низомиддин Алишер - он ҷаҳони донишу эҳсон.*

Муаллиф аз караму лутфи Навоӣ бархурдор будани худро дар як мисраъ, ки дар Дойираи муттафиқа овардааст, низ изҳор мекунад:

*Бувад бонаво аз Навоӣ Атоӣ.*

[12] Моддаи мазкури ин қитъа - “Фота мунно қутби давра” санаи 893 (1492 мелодӣ)-ро ифода менамояд.

Зоҳиран, Атоулло дар зиндагӣ муҳтоҷии моддӣ мекашидааст ва аз шахсе қарздор будааст, ки ин маънӣ ба тарзи хеле латиф дар ҳусни матлаби қасида баён ёфтааст:

*Шудӣ Салмони аҳдат дар саноеъ банда, гар ӯро*
*Набудӣ фикри қарзе ғайри қарз-уш-шеър чун Салмон.*

Дар китоби "Бадоеъ-ус-саноеъ" ба ғайр аз шеърҳои дар фавқ номбаршуда, боз ду байти дигар мавҷуданд, ки эҳтимолан, онҳо низ дар ҳаққи Навоӣ гуфта шудаанд. Чунончӣ:

*"Эй, ки софӣ сохтӣ айши маро аз дурди дард,*
*Дур бодо аз гирди ту осеби даври тезгард".*

Навоӣ ба Атоулло бисьёр кумакҳои моддӣ ва маънавӣ расонидааст, ки ба ин фикр дебочаи "Бадоеъ-ус-саноеъ" ва як ҳикояти Хондамир дар "Макорим-ул-ахлоқ"[13] далел шуда метавонанд. Хондамир ҳавлиеро аз қарибиҳои мадрасаи Ихлосия харида натавонистани Атоулло ва сипас, чунин сароеро бепул ба у иньом кардани Навоиро муфассалан нақл мекунад, ки ин нукта тахминҳои дар боло номбаршуда ва осудаҳол набудани Атоуллоро тасдиқ менамояд. Ба ин мулоҳиза, "софӣ" созандаи "айши" Атоулло Навоӣ мебошад ва мухотаби байти боло ҳам уст.

Соҳиби "Бадоеъ-ус-саноеъ" дар хусуси ҳукмрони замон Ҳусайн Бойқаро 10 байт шеър, яъне як мусаммат (5 байт) ва як қитъа (5 байт) гуфтааст. Баъзе муаллифон, чунончи Хондамир мусаммати мазкурро ҳамчун намунаи беҳтарини осори манзуми Атоулло овардаанд, ки он, дар хақиқат, дар равонию танбеҳот дилкаш буда, аммо мазмуни баландеро доро нест. Вале ин қитьа, алалхусус байти мақтаи он ҷолиби диққат аст, чунончӣ:

*Ба масҷид азизе маро диду гуфт:*
*Ки: Эй фазлу дониш туро зебу зайн!*
*Суоле кунам аз ту, онро ҷавоб*
*Бигу равшану пои ҳамчун луҷҷайн:*
*Чи чиз аст ҳар руз ғайри намоз*
*Ки бар мо муқаррар бувад фарзу айн?"*
*Бигуфтам: "дуои Абулғозӣ - он*
*Амони замон - шоҳ Султон Ҳусайн!"*
*Бигуфто: "Аҷаб зуд гуфтӣ ту ҳам,*
*Илоҳо, шавӣ зуд фориғ зи дайн!"*

[13] Ғиёсиддин бинни Ҳумомиддини Хондамир, Макорим-ул-ахлоқ, дастхатти рақ. 5278 маҳфуз дар Институти шарқшиносии ба номи Берунӣ, вар. 64 б -- 65 а.

Ба гумони мо, шоир дар байти охир ба қарздор будани худ ва адо карда натавонистани он ишора кардааст. Эҳтимол, мақсади асосии муаллиф дар қитъаи боло мадҳу санои хушку ғайрисамимии Султон Ҳусайн набуда, балки хоҳиши фориғ шудан аз дайн бошад.

Инчунин, ашъори парокандаи Атоулло ҷиҳатҳои гуногуни зиндагии у, баъзе масъалаҳои замони уро ба қадри ҳол равшан менамоянд.

Дар "Бобурнома" таъкид ёфтааст, ки Атоулло "илми арабиро хуб медонист".[14] Ин матлаб аз саросари матни асар маълум аст, зеро дар зимни он гуфтаҳои чандин адабиётшиносони арабизабон аз қабили Ибн ал-Асир, Ҷоҳиз, Саккокӣ, Саъдаддини Тафтозон, Қутбиддини Шерозӣ ва дигарон истифода карда шудаанд. Аммо дар "Бадоеъ-ус-саноеъ" ба ҷуз чанд порчаи насрӣ боз чанд маврид шеър аз забони худ овардааст, ки ин аз истеъдод ва арабидонии Атоулло шаҳодат медиҳад.

Атоулло ранҷу кулфатҳои зиндагиро бисёр кашида, талхиву заҳри ҳаётро хеле чашида будааст, ки ба ин фикр порчаҳои зиёде, аз ҷумла намунаҳои зерин ҳам шаҳодат дода метавонанд:

*Ҳаргиз набувад даме ҳузуру тарабам,*
*Ҳар лаҳза шавад зиёда ранҷу таабам.*
*Ҳар дам аламе дигар расад бе сабабам,*
*Алқисса, ман аз толеи худ дар аҷабам!*

Ё худ, байт:

*Нашуд ҳеч ҳосил маро з-ин диёр*
*Ба чуз меҳнату ҳасрату дарди ёр.*

Муаллиф чандин дафъа аз ҷафои даврон шикоят кардааст, масалан, рубоӣ:

*Фарёд кунад дил аз ҷафои даврон.*
*Сад дод кунад дил аз ҷафои даврон,*
*Соқӣ кадаҳе бидеҳ, ки як дам, боре*
*Озод кунад дил аз ҷафои даврон.*

Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар порчаҳои лирикӣ низ ба ғаму меҳнатҳои худ, ба воқеаҳои ҷиддии зиндагӣ ишораҳо мекунад, чунончи, байт:

*Поймоли ғам шудам, касро нашуд парвои ман,*
*Гар набошад косаи ман дастгир, эй вайи ман!*

Шоир на аз дарди ишк, балки аз фитнаю ғубори даҳр ба фарёд меояд, масалан:

[14] Бобурнома, саҳ. 241.

*Мапиндоред, эй ёрон, ки ман аз ишқ гирёнам,*
*Ба оби дида мехоҳам ғубори фитна биншонам*

Ё худ:

*Саргаштаи маҳрухони хуршедвашам.*
*Доим зи рақибон ситаму ҷавр кашам.*
*Дар давр ба ғайри дурдии ғам начашам,*
*Бо меҳнату ранҷу хориву дард хвашам.*

Ҷолиби диққат аст, ки Атоулло дар байтҳои парокандаи умумӣ низ доир ба пулу мол сухан ронда, ба норасоии асбоби маишат борҳо ишораҳо мекунад, ки онҳо дар омузиши тарчимаи ҳоли муаллиф аҳамияти багоят калоне доранд. Чунончи:

*Надорам, нигоро, чу дар каф дирам,*
*Ба пеши ту камтар зи хоки дарам.*

Боз:

*Онро, ки зару сим набошад дар даст,*
*Ҳар дам зи замона бар дилаш сад дард аст.*

Байти дигар:

*Нагардад гирди ман рузе, ки чизе нест дар дастам*
*Касе ҷуз соя - он ҳам пои у бар пои худ бастам.*

Масъалаи шиква аз фалак, аз замон дар асри XV чизи нав набуда, балки он тақрибан дар тамоми давраҳои феодалӣ ба назар мерасад. Атоулло дар шеърҳои худ аз замон, аз аҳли ноҷинси он шикоят мекунад, ба бевафоии давр, нокасии баъзе ҳамзамонон таъна мезанад, ки аз онҳо аҳволи танг ва эҳсосоти қалбии муаллифро хондан мумкин аст, чунончи:

*Ба пеши халқ макун нола аз харобии ҳол,*
*Дило, чу нест зи абнои даҳр умеди навол!*

Аз ҷумла фикри болоро рубоии зерин ҳам тасдиқ карда метавонад:

*Чавре, ки ман аз ҳамнафасон мебинам,*
*Гуфтан натавон, ки чи сон мебинам?*

*Алқисса, зи ҳар ки дорад аз ман сад суд,*
*Бо ман чу нишаст, сад зиён мебинам.*

Гуфтан лозим аст, ки дар баъзе шеърҳои Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ таъбирҳои носуфта ва сатрҳои услубан ноқисро низ дучор дучор шудан мумкин аст, ки сабаби ин, бояд дар он бошад, ки муаллиф диққати асосиро бештар ба санъати корфармудашаванда ва мазмуни умумии шеър равона мекунад. Масалан, шеъри зерин, махсусан мисраи севуми он, ба гумони мо, нуқсон дорад:

*Чарх, к-аз вай буд дилхун хоҷаву дарвешро,*
*Хоҳам аз дасти ҷафояи кушт охир хешро.*
*Бар касе дигар ҷафо кай мекунад чун ман аз он-к*
*Менамояд нушам, аммо мезанад сад нешро.*

Як қисми муҳимми шеърҳои Атоулло Маҳмуди Ҳусайниро мавзуҳои панду ахлоқӣ ишғол менамоянд. Муаллиф дар масъалаҳои гуногуни зиндагӣ як қатор фикрҳои пешқадам ва ҷолиби диққатро ба миён мегузорад. Ин мақсад аз се байти зайл, ки барои намуна оварда мешавад, равшан намудор мегардад, чунончи:

*Панд бишнав, суди ҷон бошад шунидан пандро,*
*То тавонӣ, рад макун уммеди ҳоҷатмандро.*

*xxx*

*Ва қавли бадандешу аҳли ғараз*
*Муносиб набошад зи доно ғазаб.*

*xxx*

*Гарат айш бояд, бузургӣ маҷӯй!*
*В-агар қадр хоҳӣ, таваққуъ макун!*

Одатан, ашъори шоир аз афкори ҷаҳоншиносӣ ва ҷаҳонбинии у низ гувоҳӣ дода метавонанд. Атоулло низ дар баъзе байтҳояш хонандаро ба тан додан ба тақдир “асирӣ гузидан”, “ба кунҷе нишастан” ба дил набастан ба лаззатҳои дунё даъват мекунад, ки ин маҳсули замони инқирози феодалӣ буда, аз маҳдудияти ғоявии муаллиф ба шумор меравper. Ин фикрро аз порчаҳои зерин пай бурдан мумкин аст:

*Ба пирӣ чи гирӣ вазириву мирӣ?*
*Фақирӣ, ҳақирӣ, асирӣ гузин ту!*

xxx

*Чӣ рангин гуфт он пири хирадманд,*
*Ки ҳаргиз дил манеҳ бар молу фарзанд.*

Вале бояд гуфт, ки миқдори чунин байтҳо ночиз буда, дар осори манзуми Атоулло мавқеи намоёнеро ишғол намекунанд.

Атоулло дар замонаш аз ҷумлаи шоирони соҳибистеъдод ба шумор мерафтааст, ки ба ин фикр порчаҳои ашъори парокандаи у, аз ҷумла намунаҳои дар боло овардашуда низ шаҳодат дода метавонанд. Илова бар ин, Алишери Навоӣ дар маҷлиси чоруми "Маҷолис-ун-нафоис",[15] Хондамир[16] дар ҷилди ҳафтуми "Равзат ус-сафо" ва "Ҳабиб-ус-сияр" ба замми дониши баркамол, истеъдоди шоирии ӯро низ таъкид кардаанд. Чунончӣ, Навоӣ мегуяд, "бо вуҷуди донишмандӣ, дар шеъру муаммо ва саноеъ маҳорат пайдо кард. Дар муаммо бисёр машғул мешуд".[17] Пас, Навоӣ дар тазкираи худ барои намуна як байт аз Атоулло меорад, ки он дар мушкилтарин санъат - мақлуби муставӣ гуфта шудааст. Дар ҳақиқат, муаммо, таъриххо ва байтҳои зиёде, ки дар "Бадоеъ- ус-саноеъ" оварда шудаанд, ин гуфтаи Навоиро ба хубӣ тасдиқ менамоянд.

Ба ин тариқ, маълум мегардад, ки Атоулло на танҳо ба чигунагии санъатҳои бадеӣ, шарҳу эзоҳи онҳо, фикру мулоҳизаҳои донишмандони пешин ва муосири худ доир ба ин масъалаҳо, балки инчунин ба мисолу далелҳои шеърӣ низ диққати ҷиддӣ дода будааст. Ин ҳолат дар аснои муқоисаи далелҳои шеърии "Бадоеъ-ус-саноеъ" бо дигар асарҳои ба бадеъ бахшидашуда боз равшантар мегардад.

Масалан, Рашиди Ватвот дар "Ҳадоик-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър" барои исботи навъҳои таҷнис 13 маротиба аз Қатрон 4 дафъа, ҷамъ 6 байт, аз Манучеҳрӣ 2 байт, аз Муиззӣ як байт, аз шоири номаълуме як байт ва аз худаш дар 6 маврид 5,5 байт - ҷамъ 16,5 байт шеъри тоҷикӣ ва 9 дафъа - аз Булфатҳи Бустӣ дар 2 ҳолат 4 байт, аз Наср бин-ал-Ҳасан ал-Марғинонӣ низ дар ду маврид 2 байт, аз Абубакри Қаҳистонӣ як байт ва аз шоирони гумном 3 байт -- ҷамъ 15 байти арабӣ оварда бошад,[18] дар китоби "Бадоеъ-ус-саноеъ" аз маҳсули эҷодии чаҳор нафар шоири тоҷику форс дар 37 маврид 39,5 байт дарҷ ёфтааст, ки сурати он ба тариқи зайл аст:

Аз Салмони Соваҷӣ - 7 байт.
аз Муиззӣ - 1 рубоӣ;
аз Рашид - 1 рубоӣ;
аз худи Атоулло 26 байт, як рубоӣ, як мисраъ[19] 2 (ҷамъ 28,5 байт).

---

[15] Алишер Навоӣ, Маҷолис-ун-нафоис. саҳ. 12-2.
[16] Равзат-ус-сафо, ҷилди ҳафтум, саҳ. 94, Ҳабиб-ус-сияр, саҳ. 345.
[17] Маҷолис-ун-нафоис, ҳамон саҳифа.
[18] Нигаред: Рашидаддини Ватвот. Девон, бо муқаддима, муқобила ва тасҳеҳи Саид Нафисӣ, бо китоби "Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър", Теҳрон, 1839, саҳ. 625–682.
[19] Ин мисраъ арабист -- Р.М.

Дар масъалаи санъати сухан, устувории таркиб ва умуман, ороиши сухан, гуфтан мумкин аст, ки Рашиди Ватвот шоири забардаст мебошад ва инро Атоулло ҳам дар чанд ҷои асари худ таъкид намудааст. Аммо порчаҳои шеърии Рашид аз ҷиҳати мавзуъ ва мундарича ишқӣ, умумӣ ва гоҳе ҳасбиҳолӣ буда, аз мазмунҳои ҳаётии иҷтимоӣ, инъикоси ҳодисаю воқеаҳои конкретии зиндагӣ ба андозае дуранд, ки дар ашъори Атоулло акси ин ҳолат мушоҳида карда мешавад. Аксари шеърҳои Атоулло, чунон ки иҷмолан аз назар гузашт, мазмунан ҷиддӣ буда, аз аҳволи зиндагии шоир, шахсияти у, авзоъи замон ва ғ. дарак медиҳанд.

Ба ин тариқ, дар намунаҳои шеърӣ, агар Рашиди Ватвот ба шакли сухан, ба лутфу салосат, хулоса, зебоии шеър диққати асосиро равона карда бошад ва хонанда аз онҳо суханороиҳо ва ҳусну назокати сухан лаззат барад,[20] ба замми риоя кардани талаботи санъатҳои бадеӣ, ба мазмуну мундариҷаи конкретии он низ диққати ҷиддӣ додааст ва мо ба василаи онҳо аз кайфияти муаллиф, зиндагии ӯ, шароиту замон ва ғ. воқиф шуда метавонем. Ба ин маънӣ, Атоулло принципи ятонагии лафзу маънӣ ва тобеияти лафз бар маъниро, ки дар чандин ҷои “Бадоеъ-ус-саноеъ” таъкидан сабт ёфтааст, ҷиддан риоя карда, афкори назариявии худро дар амалия ба субут расонида будааст.

Умуман, асари “Бадоеъ-ус-саноеъ”-и Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар равшан кардани бисёр масъалаҳои адабиётшиносии тоҷик, аз ҷумла дар омузиши таърихи адабиёти асрҳои X-XV, тарҷимаи ҳол ва шахсияти муаллиф, афкори эстетикӣ - адабиётшиносии ӯ ва амсоли инҳо дорои арзиши калоне мебошад.




[20] Зимнан, бояд гуфт, ки ҳамин ҳолат дар бисёр мисолҳои шеърии “Тарҷумон-ул-балоғат”-и Умари Родуёнӣ, “Ал-муъҷам”-и Шамси Қайс, “Ҳақоиқ-ул- ҳадоиқ”-и Шарафиддини Ромӣ, “Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор”-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, “Ҷамъи мухтасар”-и Ваҳиди Табрезӣ ва ғ. низ мушоҳида карда мешавад.